“Тасдиқ мекунам”
Ректори Донишгоҳи давлатии
Хоруғ ба номи М. Назаршоев доктори
илмҳои физикаю математика
профессор ______________Юсуфзода Г.А.

“_15_”______04______2021

# ХУЛОСАИ

## якҷояи кафедраҳои таърихи халқи тоҷик ва таъриху диншиносии Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев

Рисолаи диссертатсионии Ақризоев Мақсуд Маҳрамбекович дар мавзӯи “Алексей Алексеевич Бобринской муҳаққиқи таърих ва этнографияи Кӯҳистони Бадахшон” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Ph.D) – доктор аз рӯйи ихтисоси – 6D.020303. – таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ бо қарори кафедраи таърихи хадқи тоҷик ва таърих ва диншиносӣ аз 26 январи соли 2018 таҳти №6 тасдиқ карда шуд. Ҳамчунин дар ҷаласаи Шӯрои олимони факултети таърих ва ҳуқуқ ба унвони “Алексей Алексеевич Бобринской – муҳаққиқи таърих ва этнографияи Кӯҳистони Бадахшон” аз 29 январи соли 2018 №6 тасдиқ гардидааст.

Дар давраи омода кардани рисола Ақризоев Мақсуд Маҳрамбекович ба ҳайси мухассили зинаи доктор Ph.D – и факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев таҳсил мекард.

Ақризоев Мақсуд Маҳрамбекович соли 2017 шӯъбаи магистратураи Донишгоҳи давлатии Хоруғро бо ихтисоси “таърих” хатм намуд.

Транскрипти зинаи доктор Ph.D – ро соли 2020 Донишгоҳи давлатии Хоруғ додааст.

Роҳбари илмӣ – номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ Сайнаков Сайнак Парпишоевич.

Дар муҳокимаи рисола, д.и.т., профессор Ҳоҷибеков Э., н.и.т., дотсент Алимшоев М., н.и.т., дотсент Шоинбеков А., н.и.т., дотсент Саидасанов Ю., н.и.т. Сафарқулова Г., н.и.т. Мамадсалимов Н., н.и.т. Мирзоашрафов П., н.и.т. Абдураҳмонова П., муаллимаи калони кафедраи таърих ва диншиносӣ Карамшоева Г., муаллимаи калони кафедраи таърихи халқи тоҷик Мансурова О., муаллими калони кафедраи таърихи халқи тоҷик Шодмонбеков Ю., декани факултети таърих ва ҳуқуқ н.и.ф., дотсент Назархудоева Л., ҳамчунин дигар муаллимони калону ассистентон, аспирантон ва докторантони кафедраҳо иштирок доштанд. Баъди муҳокима ва баррасӣ қарори зерин қабул карда шуд:

1. Рисолаи диссертатсионии Ақризоев Мақсуд Маҳрамбекович нахустин таҳқиқоти бунёдӣ дар мавзӯи мазкур дар Тоҷикистон ба шумор рафта, саҳм ва нақши А.А. Бобринской дар омӯзиши таърих ва этнографияи Кӯҳистони Бадахшон, Қаротегину Дарвоз ва Зарафшон нишон таҳлилу муқоиса намудааст.

**Мубрамии мавзӯъ.** Диссертатсияи мазкур ба яке аз муҳаққиқони намоёни рус граф А.А. Бобринской, ки дар омӯзиши таърих ва мардумшиносии тоҷик нақши боризе гузоштааст, бахшида шудааст, ки охири асри XIX (солҳои 1895-1905) ба Осиёи Миёна сафар карда, тарзи зиндагӣ ва урфу одати тоҷиконро таҳқиқ намудааст. А.А. Бобринской дар қатори аввалин олимони рус буд, ки ба омӯзиши илмии Помир оғоз намуд.

Мубрам будани мавзӯи таҳқиқ боз дар он собит мешавад, ки граф А.А. Бобринской дар доираҳои илми мардумшиносӣ маҳз тавассути таҳқиқоти анҷомдодааш роҷеъ ба ҳаёти анъанавии тоҷикон маъруф гардид. Ӯ яке аз аввалин муҳаққиқоне буд, ки хатсайри нави мардумшиносиро интихоб намуда, кӯҳистони Зарафшон ва қаторкӯҳҳои Дарвозу Қаротегинро гузашт, ки ҳамчун роҳи наздиктарин барои расидан ба сарзамини Помир истифода мешуд.

Мубрам будани мавзӯъ боз дар он дида мешавад, ки таҳқиқи мероси илмии мардумшиносии граф А.А. Бобринской, ки маълумотҳои беш аз 120 сол пеш гирдовардаи ӯ аз ҳаёти сокинони кӯҳистонҳои Зарафшон,

Қаротегину Дарвоз ва Помир барои таҳқиқи масъалаҳои баҳсталаби мардумшиносӣ ва таърихи тоҷикон арзиши баландро доранд. Маълумоти граф А.А. Бобринской барои таҳқиқи масъалаҳои баҳсталаби этнография ва таърих аҳамияти калон доранд. Экспедитсияҳои граф А.А. Бобринской дар се самти асосӣ барои илм маълумот ҷамъоварӣ намуд: дар соҳаи этнография, антропология ва ҷуғрофия. Бинобар ҳамин, омӯзиши мероси илмии граф А.А.Бобринской рӯзмарра мебошад ва имконият медиҳад, ки тамоми маводу асарҳои мазкур дар доираи як диссертатсия ба риштаи таҳлили илмӣ кашида шавад.

Ҳамин тавр, баррасӣ ва таҳлили интиқодии рисолаи граф А.А. Бобринской дар таърихнигорӣ ва мардумшиносии Тоҷикистон аз вазоифи мубрам буда, барои ворид шудани далелҳо ва иттилооти нав аз ин рисола ба гардиши илмӣ, ки шароити бештари инъикоси ҳаводиси таърихиро ба миён меоварад, мусоидат менамояд.

**Дараҷаи омӯзиши** мавзӯи саҳми А. А. Бобринской ва ба гардиши илмӣ ворид намудани асарҳои ӯ ҳанӯз аз ҷониби муҳаққиқони замони Шӯравӣ оғоз гардида буд. Бояд зикр намуд, ки ба таври мукаммал ва алоҳида мавзӯи “Алексей Алексеевич Бобринской муҳаққиқи таърих ва этнографияи Кӯҳистони Бадахшон” то имрӯз иҷро нашудааст. Муаллифи рисола бори нахуст бо истифодаи маводҳои бойгонӣ, маълумотҳои шифоҳӣ, таҳқиқи осори ҳамсафарони ӯ ба ин минтақа, осори олимони Ғарб, ки дар ҳамин давра аз Помир дидан намуданд ва андешаҳои муҳақиққони мухталиф таҳлил ва қиёс намудааст.

**Навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар он ифода мешавад, ки дар он бори аввал дар доираи як диссертатсия дар шакли мавзӯи мукаммал тамоми самтҳои фаъолияти илмии граф А.А. Бобринской ва ҳадафи таҳқиқотҳои олим дар минтақаҳои тоҷикони кӯҳистон мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Дар рисола инчунин хусусияти маҷмӯии экспедитсияҳои А.А. Бобринской таҳлил гардида, бори аввал маълумотҳои граф А.А. Бобринской бо маълумотҳои олимони Ғарб, ки дар ҳамин давра аз Помир дидан намуда буданд, муқоиса мешаванд. Ҳамчунин дар диссертатсия

назар ва андешаҳои муҳаққиқони мухталиф оид ба фаъолияти граф А.А. Бобринской ҷамъоварӣ шудаанд, ки нахустин иқдом дар амри шиносони бештар бо шахсият ба осори А.А. Бобринской маҳсуб мешавад.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки он дар асоси таҳқиқоти эмпирикӣ ва таҳлилӣ фикру андешаҳои диссертант оид ба баъзе аз равияҳои фаъолияти граф А.А. Бобринской барои муҳокимаи васеъ пешниҳод мегарданд, ки барои таҳқиқотҳои оянда оид ба саҳми олимони рус дар омӯзиши таърих ва этнографияи халқи тоҷик хизмат хоҳад кард.

**Аҳамияти амалии таҳқиқ** аз он иборат аст, ки ки он ҳамчун маводи таҳқиқотӣ ва сарчашмаи илмӣ барои донишҷӯён, олимон ва муҳаққиқони соҳаи таърих ва этнография хизмат хоҳад кард. Илова бар ин маълумотҳои дар рисола ҷамъоваришуда ҳамчун методология дар таҳқиқотҳои минбаъдаи олимони соҳаи таърих ва этнографияро роҳнамоӣ менамоянд. Натиҷаи таҳқиқотро инчунин дар раванди таълими таърихи халқи тоҷик, маъхазшиносӣ мардумшиносӣ ва таърихнигории таърихи халқи тоҷик метавон мавриди истифода қарор дод.

**Натиҷаҳои таҳқиқот.** Натиҷаи муҳими диссертатсия дар он аст, ки фаъолияти илмӣ, дастовардҳои экспедитсияҳо ва асарҳои А.А. Бобринской дар асоси факту далелҳо пурра ва дақиқ таҳлил гардида, дар сурати ҳамин таҳқиқот шакли кори мукаммали конкретиро пайдо кард.

Мундариҷа ва муҳтавои асосии диссертатсия дар 5 мақолаи нашршудаи муаллиф, дар маҷалаҳои таъйиднамудаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтааст, ки рӯйхати онҳо ба шарҳи зайл аст:

1. Ақризоев, М. Сатҳи инъикоси ҳунари кашидадӯзии мардуми Дарвоз дар асарҳои А.А. Бобринской [Матн] / М. Ақризоев // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2019. - №6 (83). – С. 268 – 271. ISSN 2219 – 5408 .

2. Сайнаков, С., Ақризоев М., Граф А.А. Бобринской и результаты работ его научных экспедиций на Памире [Матн] / С. Сайнаков, М. Ақризоев // Вестник Педагогичекого университета. – Душанбе, 2019. - №6 (83). – С. 271 – 274. ISSN 2219 – 5408.

// Вестник Педагогичекого университета. – Душанбе, 2019. - №6 (83). – С. 271 – 274. ISSN 2219 – 5408.

3. Акризоев, М., Дарвозиева Ҳ., Инъикоси ёдгориҳои таърихии Бадахшон дар осори А.А. Бобринской [Матн] / М. Акризоев, Ҳ. Дарвозиева // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2020. - №,03 (86). – 255 – 258. ISSN 2219 – 5408.

4. Акризоев, М., Тадқиқоти А.А. Бобринской доир ба эътиқоди мазҳабии тоҷикони Кӯҳистони Бадахшон [Матн] / М. Акризоев // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2020. - №4 (87). – С. 265 – 268. ISSN 2219 – 5408.

5. Акризоев, М., Инъикоси вазъи савдо ва ҳунарҳои мардумии Бадахшон дар тадқиқоти А.А. Бобринской [Матн] / М. Акризоев // Паёми Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон. – 2020. - №10. – С. 153 – 156. ISSN 2074 – 1847.

Қарор қабул карда шуд:

1. Рисолаи диссертатсионии Акризоев Мақсуд Маҳрамбекович дар мавзӯи "Алексей Алексеевич Бобринской – муҳаққиқи таърих ва этнографияи Кӯҳистони Бадахшон" таҳқиқоти илмӣ ба анҷом расида ва ба талаботи банди 53 Низомномаи Шӯрои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таърихи 30 – июни соли 2021 таҳти № 267 тасдиқ гардидааст ҷавобгӯ мебошад.
2. Рисолаи диссертатсионии Акризоев Мақсуд Маҳрамбекович дар мавзӯи "Алексей Алексеевич Бобринской – муҳаққиқи таърих ва этнографияи Кӯҳистони Бадахшон" барои ҳимояи дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Ph.D) – доктор аз рӯи ихтисос, 6D.020303 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ тавсия мегардад.

Қарори мазкур дар ҷаласаи якҷояи кафедраҳои таърихи халқи тоҷик ва таъриху диншиносӣ дар таърихи 12 апрели соли 2021 суратҷаласаи № 9 қабул карда шуд.

Дар ҷаласа иштирок доштанд 18 нафар аъзо.

Натиҷаи овоздиҳӣ:

"тарафдор" – 18 нафар,

"зид" – нест,

"бетараф" – нест.

Мудири кафедраи таърих ва
диншиносӣ, н.и.т. Сафдарқулова Г.Ю.

Мудири кафедраи таърихи
халқи тоҷик н.и.т. Мирзоашрафов П.И.

Котиб Давлатбекова М.Х.

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДХ
ба номи М. Назаршоев Шабдолов Қ.Ч.